10 09 2019

**Вокеан, Истиклолияти давлатӣ барои мардуми шарафманди точик огози мархилаи навини давлатдории миллӣ, омили вахдати мустакил, воситаи хифзи асолату хувияти миллӣ ва, мухимтар аз хама, нишонаи возехи пойдории миллат ба шумор меравад. Тӯли 28 соли сохибистиклолӣ дар Чумхурии Точикистон ислохоти комили сиёсӣ ва хукукӣ, инчунин, барои инкишофи иктисоди устувор заминаи мусоид фарохам оварда шудааст.**
Ин нуктаро Диловар Кодирзода, директори Маркази тадкикоти стратегии назди Президенти Чумхурии Точикистон зимни баргузории мизи мудаввар тахти унвони «Истиклолияти давлатии Точикистон ва мархилаи нави рушди давлатдории миллӣ» иброз дошт.
Ӯ афзуд, ки Истиклолияти давлатӣ ба мо имкон дод, то дар як мудати кӯтох амният ва суботро дар чомеа таъмин намуда, барои рушди сохахои гуногун, аз чумла саноату энергетика, наклиёту рохсозӣ ва кишоварзӣ ба дастовардхои назаррас ноил гардем. Дар сохахои ичтимоӣ, махсусан, илму маориф, фарханг ва тандурустӣ пешрафтхои сифатан нав ба вучуд омадаанд.

Файзулло Баротзода, директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Чумхурии Точикистон дар мавзӯи «Истиклолияти давлатӣ ва масъалахои хувияти динӣ дар Чумхурии Точикистон» баромад намуда, зикр кард, ки солхои 1992 – 1997 рохбарияти сиёсии Точикистон окибатхои чанги шахрвандиро бартараф карда, хаёти сиёсию ичтимоӣ ва динию мазхабиро дар доираи конунгузории давлати дунявӣ ба танзим даровард.
- Давлат ва Хукумат барои танзими фаъолияти иттиходияхои динӣ ва хаёти динии чомеа як идда санадхои меъёрию хукукӣ кабул намуда, ниходхои сохторӣ ташкил шуданд. Сипас, Хукумати кишвар ба нашри осори исломӣ икдом намуда, нахуст сарчашмахои мухими илмӣ – динӣ «Таърихи Табарӣ», «Кимиёи саодат», «Эхёи улуми дин», «Маснавии Маънавӣ», «Равзату – с – сафо» ва девони комили як катор шоирони классикро ба мардум пешниход кард, - гуфт Файзулло Баротзода. – Ин тадбирхо барои пешгирии ифротгароӣ ва сиёсикунонии ислом накши мухим бозиданд. Пас аз ин, чопи тарчумаи китоби Куръони карим аходис ва осори илмии Имоми Аъзам Абуханифа дастраси васеи хонандагон гардид.

**Махмуд БАХРОМ, «Чумхурият**